**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.08.2026, №18
Барои сазовор донистани Азиззода Маҳваш Абдулҳаким, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 - Маркетинг) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№29 аз 25.05.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Азиззода Маҳваш Абдулҳаким, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 02.02.1995 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

Соли 2018 Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро хатм намуда, соҳиби ихтисоси менеҷери фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ гардидааст.

Соли 2021 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2024 бо ихтисоси менеҷер-иқтисодчӣ хатм кардааст.

Соли 2018 ба Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардида, рисолаи илмиашро дар мавзӯи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ба анҷом расонидааст.

Солҳои 2018-2022 дар Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Душанбе ба ҳайси мудири китобхона фаъолият кардааст.

Аз моҳи сентябри соли 2022 то ҳозир дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ аз 28.11.2018 (№11) тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ - Одиназода Шоҳин Талбак, д.и.и., дотсент, муовини директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ.

Диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ, омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ, омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ ва шӯъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ (08.11.2025, суратҷаласаи №9/1) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

- Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович – д.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-063;
- Абдураҳмон Ҳакимзода – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи маркетинг, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос Ғуломов Хуршед Ҳалимович, н.и.и., дотсенти ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи маркетинг ва агробизнеси муассисаи мазкур (аз 30.06.2026, суратҷаласаи №10-а) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Азиззода М.А. дар мавзуи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267)

ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Азиззода Маҳваш Абдулҳаким сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 24 интишори илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

***дар нашрияҳои тақризшаванда:***

1. Азизова, Б.А. Асосҳои консептуалии рушди агромаркетинг [Матн] / Ш.Т. Одинаев, Б.А. Азизова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. №3 (015)2021, с. 123-130.
2. Азизова, Б.А. Мушкилоти маркетинги кишоварзӣ дар давраи ислоҳот [Матн] / Ш.Т. Одинаев, Б.А. Азизова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. №4 2022с., 77-82с.
3. Азизова, Б.А. Вазъи бозори озуқаворӣи минтақавӣ аз мавқеи агромаркетинг [Матн] / Ш.Т. Одинаев, Б.А. Азизова // «Идоракуни давлатӣ» Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023, №2 (61) 49 – 56с.
4. Азизова, БА. Тамоюлҳо дар истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди агромармектинг [Матн] / Б.А. Азизова // «Идоракунии давлатӣ» Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024, №3 (68) 207-212с.
5. Азиззода, М.А. Асосҳои назариявии тараққиёти маркетинги кишоварзӣ [Матн] / М.А. Азиззода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2025с. № 2(57) 34-41с.
6. Азиззода, М.А. Мушкилоти маркетинг дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва рафти ислоҳоти он [Матн] / М.А. Азиззода // «Идоракунии давлатӣ», Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025, №3(74) 40-45с.

***дар дигар нашрияҳо:***

7. Азизова, Б.А. Эффективность сельскохозяйственного производства-основа продовольственного обеспечения [Текст] /А.Ш. Одинаев, Б.А. Азизова // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конф. ҷумҳ. дар мавзуи «Ташкили технологияи нигоҳдорӣ, маркетинг ва логистикаи меваҷот дар шароити Тоҷикистони марказӣ; нигоҳе ба оянда»». Душанбе: 2022с., 125-133с.
8. Азизова, Б.А. Танзими фаъолияти агромаркетингӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ [Матн] / Б.А. Азизова // Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Маводи конф. ҷумҳ. илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои замин» Душанбе 2023с., 169-176с.

9. Азиззода, М.А. Роҳҳои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ [Матн] М.А. Азиззода, С.И. Зайнуллоев // Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон \Маводи конф. илмии ҷумҳ. «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот». 2025с., 331-334с.

10. Азиззода, М.А. Трансформация финансового менеджмента промышленных предприятий в контексте перехода к «зеленой» экономике [Текст] / С. Азизов, М.А. Азиззода, М.И. Ибодуллозода // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конф. илмӣ-амалии ҷумҳ. «Мукаммалгардонии низоми идоракунии молияи корхонаҳои саноатӣ дар шароити ташаккули иқтисоди сабз». 2025с., 264-274с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1) тақриз аз номи д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии ДДМИТ Мирсаидов Саидакмал Аврорович бо чунин эродҳо:

*- хуб мебуд агар унвонҷӯ вазъи фаъолияти маркетингиро дар якчанд субъектҳои хоҷагидори аграрӣ ба таври мушаххас арзёбӣ менамуд.*

*- зимни таҳқиқот унвонҷӯ масъалаи ташкили маркетингиро дар сарраёсатҳои кишоварзии ҳудуди мамлакат баррасӣ мекард, арзиши илмии кори илмӣ боз ҳам баланд мегардид.*

2) тақриз аз номи д.и.и., директори МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии низоми меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ Қаюмӣ Шаҳзода бо чунин эродҳо:

*- дар баъзе қисматҳои кор тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, механизми татбиқи амалии онҳо дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидории кишоварзӣ ба таври кофӣ мушаххас карда нашудааст;*

*- дар кори илмӣ хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, агар онҳо аз ҷониби муаллиф бозбинӣ мегардид, кори илмӣ боз ҳам беҳтар мегардид;*

*- ҳамзамон дар раванди тадқиқоти илмӣ агар ба самти рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, он ранги дигар мегирифт.*

3) тақриз аз номи д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ Раҳимзода Ҳисайн Раҳим бо чунин эродҳо:

*- барои як қисми тавсияҳои пешниҳодшуда мувофиқи мақсад мебуд, агар тартиби татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ муфассалтар шарҳ дода мешуданд.*

*- дар автореферат масъалаи идоракунии хавфҳои маркетингӣ дар фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ба таври кофӣ инъикос наёфтааст.*

4) тақриз аз номи доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Бобозода Комил Олим бо чунин эрод:

*- мақсаднок мебуд, агар дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои дорои низоми пешрафтаи агромаркетинг ва масъалаҳои истифодаи технологияи рақамӣ,*

*маркетинги электронӣ ва платформаҳои рақамии фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ васеътар инъикос мегардиданд.*

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон – такмили идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст. Дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ, шиддатёбии рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ, зарурати таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар такмили механизмҳои идоракунии маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

*Шурои диссертатсионӣ ҳамзамон қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:*

• **таҳия шудаанд:** муқаррароти назариявию услубӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолот, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ;

• **пешниҳод шудааст:** механизми такмилёфтаи идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, миёнаравҳо, шабакаҳои савдо ва истеъмолкунандагонро дар асоси принсипҳои маркетинги муосир ба ҳам мепайвандад;

• **исбот шудааст**, ки мутобиқати муносибати системавӣ ба идоракунии фаъолияти маркетингӣ, таҳқиқи мунтазами бозор, омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон ва ташаккули роҳҳои самараноки фурӯш барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дорад.

*Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:*

• **исбот шудаанд:** муқаррароти назариявӣ оид ба зарурати баррасии маркетинг ҳамчун яке аз унсурҳои асосии низоми идоракунии корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки на танҳо ба фурӯши маҳсулот, балки ба омӯзиши бозор, пешгӯии талабот ва қабули қарорҳои идоракунӣ равона шудааст;

• **вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок ва бо ба даст овардани натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ** усулҳои таҳлили системавӣ, иқтисодию оморӣ, муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили маркетингӣ, мушоҳида, пурсиш ва дигар усулҳои илмии таҳқиқот истифода шудаанд;

• **тавсиф шудаанд:** мазмун ва хусусиятҳои идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ, алоқамандии унсурҳои асосии он бо истеҳсол, нархгузорӣ, тақсимот, фурӯш ва пешбурди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор;

• **омӯхта шудаанд:** тамоюлҳои ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои дохилию берунии ба самаранокии он таъсиррасон, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти идоракунии маркетинги аграрӣ;

• **такмил дода шудаанд:** равишҳои услубӣ ҳангоми арзёбии самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки имконият медиҳанд натиҷаҳои фаъолияти маркетингӣ бо нишондиҳандаҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд арзёбӣ карда шаванд.

*Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:*

• **таҳия ва барои истифода пешниҳод шудаанд:** тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми идоракунии фаъолияти маркетингии субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ, ки ба беҳтар намудани омӯзиши бозор, банақшагирии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мусоидат менамоянд;

• **муайян шудаанд:** самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла рушди инфрасохтори маркетингӣ, беҳтар намудани низоми иттилоотии бозор, рушди роҳҳои фурӯш ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ;

• **ташаккул дода шудааст:** механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти маркетингии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, ки муносибатҳои байни истеҳсолкунанда, коркардкунанда, фурӯшанда ва истеъмолкунандаро дар доираи занҷираи арзиши маҳсулоти кишоварзӣ фаро мегирад;

• **пешниҳод шудаанд:** чорабиниҳои мушаххас оид ба рушди инфрасохтори маркетингии бозори аграрӣ, ташкили низоми иттилоотию машваратӣ, истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ ва беҳтар намудани дастрасии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба бозорҳои дохилию хориҷӣ.

*Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:*

• **назарияи таҳқиқот** дар заминаи муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, назарияи маркетинг ва менеҷмент, иқтисодиёти кишоварзӣ, маркетинги аграрӣ ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба масъалаҳои идоракунии фаъолияти маркетингӣ бунёд шудааст;

• **ғояи таҳқиқот** ба таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ, маълумоти расмии оморӣ, маводи вазорату идораҳои дахлдор ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили муаллиф асос ёфтааст;

• **истифода шудаанд** маълумоти расмӣ ва маводи воқеии фаъолияти субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, усулҳои муосири иқтисодӣ, оморӣ ва маркетингӣ, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмиро таъмин менамоянд;

• **муқаррар шудааст**, ки натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф бо натиҷаҳои таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ, омӯзиши фаъолияти субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии вазъи бозори маҳсулоти кишоварзӣ асоснок карда шудаанд.

*Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз инҳо иборат мебошад:*

• зарурати такмили назария ва методологияи идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст;

• таҳлили комплексии вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, мушкилот ва омилҳои ба самаранокии он таъсиррасон муайян карда шудаанд;

• механизми такмилёфтаи идоракунии фаъолияти маркетингӣ таҳия карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди он дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шудаанд;

• тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба рушди инфрасохтори маркетингӣ, такмили роҳҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ таҳия карда шуда, истифодаи воситаҳои рақамии маркетинг дар баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ асоснок карда шудаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25 августи соли 2026 қарори сазовор донистани Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**